## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи мазкур аз ҷойгоҳи муҳими институти доғи судӣ дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири васеи он ба вазъи ҳуқуқии шахс, сиёсати ҷиноятӣ ва адолати иҷтимоӣ бармеояд. Доғи судӣ на танҳо паёмади ҳуқуқии маҳкумият, балки як институти мураккаби дорои табиати ҳам ҷиноятӣ ва ҳам умумиҳуқуқӣ мебошад, ки ба доираи васеи муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

Дар марҳилаи муосири рушди давлатдорӣ, ки бо ислоҳоти пайвастаи қонунгузории ҷиноятӣ ва равандҳои гуманизатсияи сиёсати ҷиноятӣ тавсиф мешавад, масъалаи муайян намудани моҳият ва нақши доғи судӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Аз як тараф, доғи судӣ воситаи таъсиррасонии давлат барои пешгирии ҷинояткории такрорӣ ва таъмини назорати иҷтимоӣ мебошад; аз тарафи дигар, он метавонад боиси маҳдуд гардидани ҳуқуқу имкониятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шахс гардад. Аз ин рӯ, таҳқиқи таносуби оқилона миёни ҳадафҳои ҳифзи ҷомеа ва таъмини ҳуқуқҳои шахс яке аз масъалаҳои калидии ин мавзуъ мебошад.

Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки мавҷудияти доғи судӣ ба масъалаҳои таъини ҷазо, эътирофи ретсидив, татбиқи институтҳои озод кардан аз ҷавобгарӣ ё ҷазо ва дигар унсурҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсири мустақим мерасонад. Ҳамзамон, қонунгузории амалкунанда дар баъзе ҳолатҳо норавшанӣ ва ихтилофотро дар масъалаи муҳлати амал, тартиби барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ ба миён меорад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи муфассали назариявӣ ва такмили меъёрҳои ҳуқуқиро талаб менамояд.

Илова бар ин, доғи судӣ ба соҳаҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнатӣ, маъмурӣ, интихоботӣ ва хизмати давлатӣ таъсир мерасонад. Маҳдудиятҳои умумиҳуқуқие, ки нисбат ба шахсони дорои доғи судӣ татбиқ мегарданд, дар қонунгузории гуногун бо сатҳи гуногуни мушаххасият муқаррар шудаанд. Дар баъзе мавридҳо, ин маҳдудиятҳо бо принсипи

баробарӣ ва мутаносибии маҳдудияти ҳуқуқҳо мувофиқати комил надоранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи комплексии институт аз нуқтаи назари конститутсионӣ ва соҳавӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, институти доғи судӣ то ҳол дар илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ба таври системавӣ ва ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Бисёр масъалаҳо, аз ҷумла табиати ҳуқуқии он (оё он унсури ҷавобгарии ҷиноятӣ аст ё оқибати умумиҳуқуқии маҳкум шудан), таносуби он бо институтҳои ретсидив ва озод кардан аз ҷазо, инчунин масъалаи мутобиқати он бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, баҳснок боқӣ мемонанд.

Бо дарназардошти ин омилҳо, мавзуи интихобшуда дорои аҳаммияти баланди назариявӣ, амалии ва иҷтимоӣ мебошад. Таҳқиқи амиқи проблематикаи институти доғи судӣ метавонад барои такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ягонагардонии амалияи судӣ, таъмини адолати ҷиноятӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон заминаи устувори илмӣ фароҳам оварад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои илмии дар диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло бадастомада дорои дараҷаи муайяни навгонии илмӣ буда, ба таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои доғи судӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии он саҳми назаррас мегузоранд. Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи илми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал проблематикаи институти доғи судӣ ба таври комплексӣ, системавӣ ва дар ҳамбастагӣ бо дигар институтҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф институти доғи судиро на танҳо ҳамчун оқибати ҳуқуқии маҳкумшудан, балки ҳамчун падидаи мураккаби дорои табиати ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқӣ арзёбӣ намуда, ҷойгоҳи онро дар механизми татбиқи сиёсати ҷиноятӣ муайян кардааст.

Дар таҳқиқот табиати ҳуқуқии доғи судӣ аз нуқтаи назари назариявӣ дақиқ гардида, таносуби он бо институтҳои ретсидив, озодкунӣ аз ҷавобгарӣ ва ҷазо, инчунин бо принсипҳои инсондустӣ ва адолат таҳлил шудааст. Муаллиф асоснок менамояд, ки доғи судӣ дорои хусусияти мустақили институтсионалӣ буда, наметавонад танҳо ҳамчун унсури ёрирасони ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ гардад.

Ба навгониҳои асосии таҳқиқ мансубанд:

– таҳияи модели назариявии моҳият ва вазифаҳои институти доғи судӣ дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ;

– муайян намудани фарқияти байни оқибатҳои ҷиноятӣ ва оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ;

– асоснок намудани зарурати таҷдиди баъзе меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мӯҳлати амал, тартиби барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ;

– таҳлили робитаи институти доғи судӣ бо стандартҳои байналмилалии

ҳуқуқи инсон ва принсипи мутаносибии маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ;

– пешниҳод намудани такмилҳои илмӣ-амалӣ ба қонунгузории миллӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии сиёсати пешгирии ретсидив.Ҳамин тариқ, дараҷаи навгонии натиҷаҳои бадастомада ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия бар пояи таҳлили амиқи назариявӣ, меъёрӣ ва амалии институти доғи судӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти илмии муосир, аз ҷумла таҳлили меъёрӣ, муқоисавӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва системавӣ, масъалаҳои марбут ба моҳият, вазифа ва оқибатҳои доғи судиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Асоснокии хулосаҳо пеш аз ҳама бо такя ба меъёрҳои амалкунандаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ таъмин гардидааст. Муаллиф тавонистааст робитаи доғи судиро бо институтҳои ретсидив, озодкунӣ аз ҷавобгарӣ ва ҷазо, инчунин бо маҳдудиятҳои умумиҳуқуқӣ нишон диҳад ва дар ин замина ба хулосаҳои назариявии мантиқӣ ва пайдарпай расад.

Эътимоднокии натиҷаҳо инчунин бо истинод ба маводи оморӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мавқеи олимони соҳа тақвият ёфтааст. Хулосаҳо аз таҳлили муфассали манбаъҳои илмии миллӣ ва хориҷӣ бармеоянд ва дорои заминаи назариявии устувор мебошанд.

Тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузорӣ бар асоси камбудиҳои муайяншуда дар меъёрҳои амалкунанда ва ихтилофҳои амалияи судӣ пешниҳод шудаанд. Онҳо бо принсипҳои адолат, мутаносибӣ ва инсондустонаи сиёсати ҷиноятӣ мутобиқат дошта, бо талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ҳамоҳанг мебошанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва аз лиҳози ҳуқуқӣ эътимоднок буда, метавонанд барои такмили сиёсати ҷиноятӣ, рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили меъёрҳои марбут ба институти доғи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)  аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар қисми муқаддимаи рисола мубрамият ва аҳаммияти илмии мавзуи

таҳқиқот исбот гардида, робитаи он бо пажӯҳишу лоиҳаҳои илмии муосир зикр шудааст. Муаллиф ба зарурати омӯзиши муфассали масъала таваҷҷуҳ намуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври возеҳ муайян намудааст. Ҳамчунин, объект ва мавзуи таҳқиқот мушаххас гардидаанд. Ғайр аз ин, муқаррароти асосие, ки навоварии илмии тадқиқотро ифода мекунанд, таъкид гардида, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада шарҳ дода шудааст.

**Боби аввали** диссертатсия таҳти унвони «Табиати ҳуқуқии институти доғи судӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳаммияти калидӣ буда, заминаи назариявии тамоми таҳқиқотро ташкил медиҳад. Дар ин боб муаллиф ба таври пайдарпай ва системавӣ моҳият, нишонаҳо, вазифа ва ҷойгоҳи институти доғи судиро дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Боб аз ду зербоб иборат буда, ҳар яке ҷанбаҳои муайяни масъалаи таҳқиқро фаро мегирад.

Дар зербоби аввал муаллиф ба масъалаи мафҳум ва табиати ҳуқуқии доғи судӣ диққати асосӣ равона менамояд. Бо таҳлили адабиёти илмии миллӣ ва хориҷӣ, инчунин меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф нишон медиҳад, ки доғи судӣ танҳо оқибати расмии маҳкумшудан нест, балки дорои мазмуни мустақили ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин замина масъалаи фарқгузории доғи судӣ аз ҷазо ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳлил гардида, таъкид мешавад, ки доғи судӣ унсури давомдори таъсири ҳуқуқӣ ба шахси маҳкумшуда мебошад. Муаллиф мавқеи гуногуни доктриналиро баррасӣ намуда, ба хулоса меояд, ки «Доғи судӣ - ин оқибати маҳкум шудани шахси содирнамудаи ҷиноят мебошад, ки дар мавҷудияти вазъи ҳуқуқии махсус аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд то барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ ифода ёфта, боиси вогузоштани уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ нисбати ин шахс мегардад» (саҳ.32).

Ҳамзамон, дар ин зербоб вазифаҳои асосии доғи судӣ, аз ҷумла вазифаи пешгирикунанда, назоратӣ ва танзимкунанда таҳлил карда мешаванд. Муаллиф асоснок менамояд, ки институти мазкур дар сиёсати ҷиноятӣ воситаи таъсиррасонӣ ба шахсони маҳкумшуда буда, ба пешгирии ҷинояткории такрорӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин, масъалаи мутобиқати маҳдудиятҳои вобаста ба доғи судӣ бо принсипҳои адолат ва мутаносибӣ баррасӣ мегардад.

Зербоби дуюм ба таҳқиқи ҷой ва нақши институти доғи судӣ дар дар ҳуқуқ ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллиф меъёрҳои амалкунандаи КҶ ҶТ-ро таҳлил намуда, масъалаҳои муҳлати амал, барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар ин замина ихтилофҳо ва номуайяниҳои мавҷуда дар танзими меъёрӣ нишон дода шуда, робитаи доғи судӣ бо институтҳои ретсидив, озодкунӣ аз ҷавобгарӣ ва ҷазо, инчунин таъсири он ба таъини ҷазо таҳлил мегардад.

Муаллиф дар зербоби мазкур ба таври асоснок ба хулосабарорӣ менамояд, ки бо вуҷуди эътирофи доғи судӣ ҳамчун институти ҳуқуқи

ҷиноятӣ, онро танҳо ба моддаи 84 КҶ ҶТ маҳдуд намудан нодуруст аст. Гарчанде моддаи мазкур муқаррароти асосӣ ва калидиро дар бар гирад ва заминаи меъёрии институтро ташкил диҳад, танзими муносибатҳои вобаста ба доғи судӣ танҳо бо он маҳдуд намешавад. Мавҷудияти моддаи алоҳида, ки ба доғи судӣ бахшида шудааст, аз мустақилияти зоҳирии ин институт дар сохтори қонуни ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад, аммо барои фарогирии ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор кофӣ нест (саҳ.36).

**Боби дуюми** диссертатсия таҳти унвони «Оқибатҳои институти доғи судӣ», ки аз ду зербоб иборат мебошад, ба таҳлили ҳамаҷонибаи оқибатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии мавҷудияти доғи судӣ нисбат ба шахс бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф таъсири институти мазкурро ба вазъи ҳуқуқӣ, мақоми иҷтимоӣ ва имкониятҳои минбаъдаи шахси маҳкумшуда мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Дар зербоби аввал оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ таҳлил гардидаанд. Аз ҷумла, дар доираи ин зербоб тавсифи умумии оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии институти доғи судӣ, доғи судӣ ҳамчун асоси эътироф намудани ретсидиви ҷиноят, доғи судӣ ҳамчун ҳолати маҳдудкунандаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки "таҳрири қисмҳои 1 ва 7 моддаи 84 КҶ ҶТ (дар қисмати муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ) бебарор аст, зеро ба пуррагӣ на танҳо оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судиро инъикос накардаанд, балки аломатҳои асосии онро нишон надодаанд". Вобаста ба ин ба таври асоснок пешниҳод мешавад, ки ба қисми 1 м. 84 КҶ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад – «доғи судӣ бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси мазкур ба ҳисоб гирифта мешавад». Бо чунин роҳ муайян мегардад, ки доғи судӣ ҳангоми ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо ва ғайра ба инобат гирифта мешавад (саҳ.83).

Дар зербоби дуюм бошад, оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, нишон дода мешавад, ки оқибатҳои умумиҳуқуқӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд. Яке аз онҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ мустаҳкам шудаанд. Масалан, доғи судӣ маҳдудияти ҳуқуқ ва фаро расидани оқибатҳои номусоидро дар қонунгузории меҳнатӣ, маъмурӣ, маданӣ, оилавӣ ва ғайра пешбинӣ мекунад (саҳ.84).

Муаллиф оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судиро, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд таҳлил намуда, таснифи чунин маҳдудиятҳоро пешниҳод намудааст, ки дорои аҳаммияти назарраси назариявӣ ва амалӣ мебошанд (саҳ.100-102).

Дар фарҷом, дар боб масъалаҳои такмили қонунгузорӣ вобаста ба муайян намудани мухлатҳо, тартиби барҳамхӯрӣ ва кам намудани таъсири маҳдудкунандагони аз ҳад зиёд пешниҳод гардида, зарурати мувозинат миёни ҳифзи манфиатҳои ҷамъият ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс асоснок карда шудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия таҳти унвони «Проблемаҳои барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ» ба таҳлили мураккабтарин паҳлуҳои назариявӣ ва амалии институти мазкур бахшида шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои марбут ба асосҳо, тартиб, муҳлат ва мушкилоти татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро вобаста ба қатъ гардидани оқибатҳои доғи судӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст.

Муаллиф тартиби ҳуқуқии барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судиро таҳлил намуда, таъкид месозад, ки ин ба шахс имконият медиҳад, ки пас аз гузаштани муҳлатҳои муқарраргардида ё дар ҳолатҳои махсус, вазъи ҳуқуқии худро пурра барқарор намояд. Муқаррар намудани чунин механизмҳо дар қонунгузорӣ ба принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва сиёсати муосири ҷиноятӣ мутобиқат намуда, барои ҳавасмандгардонии рафтори қонунии маҳкумшудагон ва таъмини устувории иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дорад (саҳ.104).

Нуқтаҳои назари дар илм ҷойдоштаро вобаста ба масъалаи муайян намудани намудҳои қатъшавии доғи судӣ таҳлил намуда муаллиф ба таври асоснок баён медорад, ки дар шароити имрӯза барҳам хӯрдани доғи судӣ бояд на танҳо ҳамчун натиҷаи гузаштани муҳлат, балки ҳамчун раванди ҳуқуқие, ки бо риояи шартҳои муайян ва бо дарназардошти рафтори минбаъдаи шахс алоқаманд аст, баррасӣ карда шавад (саҳ.108).

Дар зербоби дуюм масъалаҳои бардоштани доғи судӣ ҳамчун шакли пеш аз муҳлатии қатъ гардидани судимандӣ таҳлил мегарданд. Дар ин қисмат: табиати ҳуқуқии бардоштани доғи судӣ ҳамчун ҳуқуқи суд дар ҳолати ислоҳи воқеии шахс асоснок карда мешавад; шартҳои татбиқи он (рафтори намунавӣ, ҷуброни зарар, иҷрои пурраи ҷазо ва ғ.) таҳлил мешаванд; мушкилоти амалии баррасии дархостҳо аз ҷониби судҳо ва меъёрҳои арзёбии “ислоҳшавии шахс” баррасӣ мегарданд; зарурати таҳияи меъёрҳои возеҳ ва ягона барои таъмини адолати судӣ таъкид мешавад.

Асоснок карда мешавад, ки қонунгузории ҷиноятии муосир, ба масъалаи бардоштани доғи судӣ бо низоми возеҳтар ва мукаммалтар муносибат намуда, се шакли асосии бардоштани доғи судиро муқаррар намудааст. Якум, бардоштани доғи судӣ бо тартиби судӣ, ки дар асоси арзёбии рафтори минбаъдаи шахс ва бо қарори суд амалӣ мегардад. Дуюм, бардоштани доғи судӣ дар натиҷаи авф ё бахшиши ҷазо, ки бо санадҳои дахлдори мақомоти ваколатдор сурат мегирад. Сеюм, бардоштани доғи судӣ дар ҳолати декриминализатсияи кирдор, яъне ҳангоми аз ҷониби қонунгузор хориҷ гардидани кирдори қаблан ҷиноят эътирофшуда аз доираи қонунгузории ҷиноятӣ. Ҳамин тариқ, қонуни ҷиноятии амалкунанда бардоштани доғи судиро ҳамчун механизми гуногуншакл ва мутобиқ ба тағйироти сиёсати ҷиноятӣ муқаррар намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахс ва таъмини адолати ҳуқуқӣ равона гардидааст (саҳ.131).

Хулосаи диссертатсия аз 10 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 4 банди дорои хусусияти амалӣ, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона шудаанд, иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқ, бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои танзими ҳуқуқии институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор пешниҳодҳои илмӣ асоснок ҷиҳати такмили меъёрҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидаанд. Пешниҳодҳои мазкур ба мушаххас намудани моҳияти ҳуқуқии доғи судӣ, дақиқсозии тартиби барҳам хӯрдан ва бардоштани он, инчунин бартараф намудани номуайяниҳои мавҷуда дар амалияи судӣ равона шудаанд.

Хулосаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои такмили сиёсати ҷиноятӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд. Татбиқи онҳо ба баланд бардоштани сатҳи кафолатҳои ҳуқуқии шахсони маҳкумшуда, мусоидат ба раванди ислоҳ ва одаткунонии иҷтимоии онҳо, инчунин ба таъмини суботи ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таҳқиқ моҳият ва табиати ҳуқуқии институти доғи судиро дақиқ намуда, масъалаҳои баҳсталаби марбут ба барҳам хӯрдан ва бардоштани онро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок месозад. Хулосаҳо метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ дар имконияти татбиқи пешниҳодҳо дар фаъолияти судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зоҳир мегардад. Онҳо ба таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва такмили татбиқи меъёрҳои марбут ба доғи судӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти иқтисодӣ дар он ифода меёбад, ки такмили танзими ҳуқуқии доғи судӣ метавонад ба коҳиши такрори ҷиноят ва кам гардидани хароҷоти давлатӣ дар самти таъқиб ва иҷрои ҷазо мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоӣ ба таҳкими қонуният, адолати иҷтимоӣ ва беҳтар гардидани раванди одаткунонии иҷтимоии шахсони собиқ маҳкумшуда дар ҷомеа равона шудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф дар 6 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои асосии таҳқиқро фаро мегиранд.

Шумора ва сатҳи маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии**

**аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, бо сохтори пайдарпай, мантиқан асоснок ва ягонагии дохилии мазмун фарқ мекунад. Тартиби ҷойгиршавии бобу зербобҳо, робитаи мантиқии байни масъалаҳои баррасишуда ва мутобиқати хулосаҳо ба вазифаҳои гузошташуда аз ягонагии илмии таҳқиқ шаҳодат медиҳанд.

Навгонии натиҷаҳои илмӣ, асоснокии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва аҳаммияти тавсияҳои амалӣ на танҳо дар матни диссертатсия инъикос ёфтаанд, балки бо нашрияҳои илмӣ ва иштироки муаллиф дар ҳамоишҳои илмию амалӣ низ тасдиқи худро пайдо кардаанд.

Усули таҳлили масъалаҳо, интихоби дурусти методҳои тадқиқот, сатҳи баланди коркарди манбаъҳои назариявию меъёрӣ ва услуби муназзами илмии баён далели он мебошанд, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои ироашуда натиҷаи фаъолияти мустақилона, эҷодӣ ва илмии муаллиф маҳсуб меёбанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар намуд:

1. Муаллиф дар пешниҳоди якум (саҳ. 14) мафҳуми хоси доғи судиро пешниҳод намудааст. Вале, гарчанде таърифи пешниҳодгардида нисбатан мукаммал ва фарогир арзёбӣ гардад, он аз ҷиҳати мазмунӣ то андозае тавсифӣ буда, баъзе унсурҳои аллакай дар назария ва қонунгузории амалкунанда мавҷудбударо такрор менамояд.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи рисола фарқияти аслии таърифи пешниҳоднамудаи худро аз дигар таърифҳое, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуданд, мушаххастар асоснок намояд ва бартарият, навгонӣ ва аҳаммияти амалии онро бо далелҳои возеҳ нишон диҳад.

2. Муаллиф пешниҳод месозад, ки аз қонунҳои минбаъдаи авф муқаррароти «Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад» бардошта шуда, имконияти бекор шудани доғи судӣ нисбати категорияи муайяни шахсон дар қонуни мазкур ҷой дода шавад. Албатта чунин пешниҳод ҷолиби диққат мебошад, аммо дар таҳқиқот таҳлили муфассали таъсири чунин иқдом ба сиёсати пешгирии такрори ҷиноят ва амнияти ҷамъиятӣ пурра анҷом дода нашудааст. Ин масъала метавонад баҳснок бошад ва асоснокии иҷтимоиву криминологиро тақозо менамояд, ки ин дар матни рисола ба назар намерасад.

3. Гуруҳбандии оқибатҳои доғи судӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст қобили дастгирист (саҳ.15), аммо чунин тасниф дар адабиёти илмӣ

қаблан низ ба шаклҳои гуногун пешниҳод шудааст. Муаллиф метавонист фарқият ва бартарии ин таснифро нисбат ба дигар таснифоти мавҷуда муфассалтар нишон диҳад, то дараҷаи навоварии он равшан гардад. Ғайр аз ин, чунин таснифот ба андешаи мо нопурра ба назар мерасад, зеро дар он оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ фаро гирифта нашудааст.

Бо вуҷуди мавҷуд будани эродҳо ва нуқсонҳои ишорашуда, онҳо хусусияти ислоҳшаванда ва ҷузъӣ дошта ба моҳият ва натиҷаҳои асосии таҳқиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Норасоиҳои зикршуда сатҳи илмӣ, мантиқии баён ва мукаммалии умумии рисоларо коҳиш надода, арзиши назариявӣ ва аҳаммияти амалии хулосаҳои пешниҳодшударо зери шубҳа намегузоранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия ҳамчун кори илмии мустақилона, аз лиҳози мазмунӣ асоснок ва анҷомёфта арзёбӣ карда мешавад.Дар маҷмуъ, диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
Славянии Тоҷикистон ва Россия Абдуҳамитов В.А.

**Суроға муқарриз**: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров,
21 Тел: (+992) 93-581-93-18 E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои В.А Абдуҳамитовро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

«28» марти 2026 сол

**Суроға:**Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50
Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru